**Суратмаҷлиси №57**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-021
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 28 декабри соли 2023 ш. Душанбе

Иштирок доранд:
аз 15 нафар аъзои
шуро 12 нафар

**Рӯзнома:**

Дар бораи қабул намудани диссертатсияи Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна дар мавзуи "Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ (мушовири илмӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Назарзода Сайфиддин) ба ташхиси аввалия ва таъйин намудани комиссияи ташхис.

**Шунида шуд:**

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ профессор Хоҷаев Д. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна ба шурои диссертатсионӣ.

**Баромад кард:**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ Мирзоева М. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна – автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур барои ташхиси аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна дар мавзуи "Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ (мушовири илмӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Назарзода Сайфиддин) ба ташхиси аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхис дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

- Ҷӯраева Мушаррафа – доктори илмҳои филологӣ, профессор, аъзои шуро, раиси комиссияи ташхис;
- Ҳомидов Дилмурод– доктори илмҳои филологӣ, профессор, аъзои шуро, аъзои комиссияи ташхис.
- Гадоев Нурхон – доктори илмҳои филологӣ, профессор, аъзои шуро, аъзои комиссияи ташхис.

Қарор карда шуд: тарафдор 12 нафар, зид, бетараф нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Хоҷаев Д.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Мирзоева М.М.